Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA – 044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кучаи С. Носир, 33)

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи "Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Раззоқзода Тамкин Мурод ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи маъмурӣ - масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаи мазкурро фарогир мебошад.

Мавзуи масъалаи ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳое мебошад, ки дар сатҳи илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ ба таври пурра таҳқиқ нагардидааст. Бояд қайд кард, ки сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия оғоз аз замони Шуравӣ дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии гуногун фаъолият намуда, баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфтаанд. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар маҷмуъ ташаккул, инкишоф ва масоили ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти сатҳи ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ то ба имрӯз дар бар мегирад.

Фаъолияти самараноки мақомоти маҳаллии хокимияти иҷроия ва нақши он дар таъмини рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ муҳим арзёбӣ гардида, ҳамчун кафили амалишавии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд дониста мешавад.

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба объектҳои идора бештар наздик мебошанд ва сатҳу сифати фаъолияти онҳо ба самаранокии идораи давлатӣ таъсири бевосита мерасонад. Рушди минбаъдаи кишвар, мукаммал ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоту сохторҳои давлатиро бо назардошти шароити муосир талаб менамояд, зеро сатҳ ва сифати фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз он ҷумла мақомоти маҳаллии хокимияти иҷроия ба пешрафт ва рушди давлат таъсири мусбӣ хоҳад расонид. Нишондиҳандаи мусбии он фаъолияти муътадил,

натиҷабахш ва самараноки мақомоти давлатӣ дониста шуда, дар ташкили иҷрои босифати қонунҳо, ки ба беҳтар намудани шароити маҳал нигаронида шудааст, инъикоси худро меёбад.

Бинобар ин, самаранокии фаъолияти мақомоти маҳаллии хокимияти иҷроия, танзими давлатӣ - ҳуқуқии муносиби фаъолияти мақомоти мазкур барои таъсири онҳо ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ба иҷроиши Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, баланд бардоштани вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии аҳолии маҳал, ки дар воҳиди маъмурӣ-ҳудудии дахлдор ба сифати яке аз ҳадафҳои асосӣ ва вазифаи давлат ва мақомоти он дониста мешавад, муҳим мебошад. Омӯзиши масъалаҳои ташкилӣ-хуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия барои тавсифи дуруст ва ҳаматарафаи вазъи ҳуқуқии сохторҳои ин сатҳи мақомоти ҳокимияти иҷроия шароит муҳайё намуда, барои илман асоснок кардани сохтори низоми мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва робитаи байни онҳо имконият медиҳад. Бо мақсади муқаррар намудани қонуниятҳои пайдоиш ва рушди сохторҳои он, баррасии аломатҳои муҳимми шабеҳият ва тафовути онҳо, тафовути вазъи ҳуқуқии онҳо, таҳлили хусусияти таъсири ташкилӣ ба объектҳои идора, масоили марбут ба салоҳияти раисони вилоят, шаҳр, ноҳия, ки ба мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сарварӣ менамоянд, баррасии масъалаи дар сатҳи қонунгузорӣ ба таври алоҳида ва тафриқавӣ мустаҳкам кардани ваколатҳои раиси вилоят, шахр, ноҳия, иҷрокунандаи вазифаи раис дар ин сатҳ ва вазъи ҳуқуқии онҳо, бартараф намудан ва аз байни бурдани дуҳӯрагӣ дар санадҳои қонунгузорӣ нисбати интиқоли ваколат дар сатҳи маҳаллӣ, муҳайё намудани шароити мусоиди ташкилию ҳуқуқӣ барои интиқоли ваколат байни унсурҳои идораи маҳаллӣ, ки ба густариши раванди ғайримуттамарказгардонии идоракунӣ ҳамчун омили муҳим ба шумор меравад, бешубҳа бо такмили асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ҳомилони ин сатҳи идораи давлатӣ саривақт шуморида шуда, мусбӣ арзёбӣ мегардад.

Асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия Конститутсияи ҶТ ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» мебошад. Вобаста ба ин, қайд кардан зарӯр аст, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии мамлакат, аз он ҷумла ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикист ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» №28 аз 17 майи соли 2004 бо назардошти омӯзиш ва пешниҳодҳои фарогирандаи масъалаҳои хуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти махаллии ҳокимияти ичроияи тағйиротҳо ва иловаҳо ворид шудааст. Аммо, санадҳои мазкур новобаста аз ин як, қатор масъалаҳоеро дар бар мегирад, омӯзиш, баррасӣ ва ҳалли

минбаъдаро тақозо намуда, аз он шаҳодат медиҳанд, ки фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ба такмили минбаъда ниёз дорад.

Аз ин хотир, таҳқиқоти илмии диссертатсия мувофиқи мақсад ва саривақтӣ арзёбӣ карда шуда, барои самаранокии идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал ва рушди он заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварда, барои беҳтар намудани асосҳои ташкилӣ - ҳуқуқии фаъолияти ин зинаи ҳокимияти иҷроия, таҳлили илмии созанда дар ин самт, муқоисаи он бо таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ ва дар ин замина баланд бардоштани вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии аҳолии он, муосидат менамояд.

Ҳадафи асоснокнамоии диссертатсияро дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам намудани асосҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ва фаъолияти он, такмили асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти мазкур ва ҳомилони он ташкил медиҳад. Аз ин хотир, мавзуи дар рисола мавриди таҳқиқот қарордода хеле мубрам буда, барои бо омӯзиши амиқтар фаро гирифтани масоили ташкилӣ-ҳуқуқии яке аз зерзинаҳои ҳокимияти иҷроия - мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия мусоидат хоҳад кард.

Бо назардошти асосҳои дар боло зикршуда, масъалаи баррасишаванда аҳаммиятнок эътироф шуда, таҳлил ва таҳқиқи он фарогирандаи мубрамияти махсус хоҳад гашт.

Барои ноил гардидан ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷуй дар рисола вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

– таҳлил намудани ҷойи ҳокимияти иҷроия дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ;

– таҳлил намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати ошкор намудани мафҳум, моҳият ва таъиноти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар низоми идораи давлатӣ;

– омӯзиши заминаҳои ҳуқуқии ташкилӣ ва муқаррар намудани марҳилаҳои ташаккули сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили назариявӣ ва амалии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани мафҳум ва таснифи сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлил ва омӯзиши вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия;

– муайян намудани самтҳои асосии такмили ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба таъсис ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла мавқеи онҳо дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, асосҳои ҳуқуқӣ ва тартиби ташкил, сохтор, таснифот ва шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, инчунин, вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия ташкил медиҳанд.

**Мавзуи таҳқиқотро** маҷмуи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие ташкил медиҳанд, ки дар танзим намудани фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши назаррас доранд. Ҳамзамон, мавзуи таҳқиқотро дастовардҳои илмӣ, ақида ва нуктаҳои назари олимон вобаста ба асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Нуқтаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, навгонии рисолаи диссертатсионӣ ва натиҷаи ҳалли вазифаҳои гузоштаашударо ифода менамоянд.

Асоси медологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумиилмии фалсафӣ ва махсуси ҳуқуқи ташкил медиҳанд, ки аз усули расмӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, сохторӣ, ҷамъбаст, таҳлил ва ғайра иборатанд. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таҳқиқи диалектикӣ, низомнокӣ ва хулосабарорӣ низ истифода гардидаанд.

Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки масъалаи гуногуни унсурҳои асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додаанд, ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, дар омода намудани рисолаи мазкур вобаста масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асарҳои олимони ватанӣ, мисли Б.Ҳ. Раззоқов, И.С. Иброҳимов, Р.Н. Маъруфӣ, А.М. Диноршоҳ, Х. Ойев, З.М. Сотиволдиев, З.М. Ализода, Ҷ.Н. Ҷамшедзода, И.А. Имомов, З.М. Соибов, Ҷ.Ш. Қодиров, С.А. Раҷабов, С.М. Касымов, К. Мухторов, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқов, Ҷ.М. Зоиров, С.А. Қиёмиддинов, П.Н. Изатулозода, Д.Ф. Абдуллоева ва олимони хориҷӣ, мисли А.М. Барнашов, Е.С. Хозикова, Ю.М. Козлов, И.А. Полянский, Д.Н. Бахрах, В.Ф. Волович, К.С. Бельский, Г. Брэбан, З.М.Черниловский, И.В. Черкасов, А.И. Черкасов, Н.Ю. Козлова, К.В. Болотина, Н.И. Глазунова, В.И.Чиркин, Н.Г. Чернышевский, В.М. Попов, А.И.Лукьянов, В.Г. Вишняков, Е.В. Черкасова, В.Е. Чиркин, Г.В. Атаманчук, А.Б. Пигулькин, Ю.А. Тихомиров, Б.Н. Габричидзе, А.С. Автономов, А.М. Осавелюк, Ю.Н. Старилов, Б.В. Россинский ва дигарон истифода гардидааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалиявии таҳқиқот** дар он ифода мегардад, ки мафҳум ва хулосаҳои дар натиҷаи таҳқиқот ба даст овардашуда, метавонанд минбаъд дар рушд ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асоси таъсис, ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷмуъ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро ташкил медиҳанд, мусоидат намоянд. Дар баробари ин, нуқтаҳои баррасигардида ва дар заминаи онҳо хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд, аз ҷониби нафароне, ки дар самти ҳуқуқи маъмурӣ ва назарияи идоракунии давлатӣ пажӯҳиш мебаранд, мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамзамон, маводи дар натиҷаи

таҳқиқот ба даст овардашударо ҳамчун маводи илмӣ ва таълимӣ дар донишгоҳҳои олии касбӣ ва курсҳои такмили ихтисос метавон ба роҳ монд.

**Диссертатсия** мазкур аз феҳрести ихтисорот, муқаддима, 2 боб, 7 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиётҳои мавриди истифода қарор дода иборат мебошад, ки ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот асос меёбанд.

Саҳми шахсии довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ-назариявӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшуда, ки барои такмили қонунгузорӣ ва самаранокии ташкили фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия метавонанд мусоидат намоянд, инчунин бо нашри мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегарданд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй аст.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти диссертатсионии Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи "Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ**: д.и.ҳ.,мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Иброҳимов С.И.

*Суроғаи ҷойи кор: 734025.*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*Ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 19.*
*Тел: +992 934 44 41 65.*
*E-mail. Soleh_52@mail.ru*

Имзои Иброҳимов С.И.-ро тасдиқ менамоям.
И.в. нозири шуъбаи кадрҳои Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Нематова П.М.

03.01.2024